## ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ Неъматзода Фархунда Турсунбоевна ба диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи "Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи омӯзиши ҷиҳатҳои лексикиву семантикии забони осори намояндагони асрҳои гузашта дар забоншиносии тоҷик муҳим ва бамаврид буда, захираи луғавии забони тоҷикии ин ё он давраро таҷассум мекунад. Забони форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои X-XIII як марҳалаи муайяни инкишофро аз сар гузаронид ва маҳз асарҳои ин давра услубҳои забони адабиро ташаккул доданд ва ин раванд заминаи таълифи осори бешумори илмию адабӣ дар ин давра гардид.

Дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои луғавӣ-маъноии асари ҷуғрофӣ – «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммад ибни Наҷиби Бакрон бори аввал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Муҳаққиқи ҷавон Қодирова Фируза Рустамовна дар диссертатсияи илмии худ ҷиҳатҳои лексикологӣ ва баъзе аз хусусиятҳои лексикии он, чун калимаҳои аслӣ, иқтибосӣ, муродифот, вожаҳои сермаъно, ҳамшакл, зидмаъно ва ономастикаи таркиби асарро (антропонимҳо, этнонимҳо, топонимҳо: ойконимҳо, гидронимҳо, оронимҳо, антропотопонимҳо, спелеонимҳо, зоонимҳо, прагмонимҳо) мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро дар алоҳидагӣ шарҳу эзоҳ додааст. Муҳаққиқ тавассути асари Бакрон тавонистааст боигариҳои луғавӣ-маъноии забони адабии форсӣ-тоҷикии замони Бакронро онро нишон диҳад .

Унвонҷӯ дар таҳқиқи илмии худ усулҳои диахронӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, омориро пеш гирифта, дар мавридҳои зарурӣ усули таҳлилии таҳқиқи қиёсии лексикаро истифода бурдааст. Мақсади истифодаи усули муқоиса аз тарафи Қодирова Ф. на танҳо аниқ кардани тамоюлҳои умумӣ, балки таҳлили хусусиятҳои корбурди унсурҳои луғавии асари мазкур ҳам дар замони муаллиф ва ҳам дар забони имрӯза аст, ки ба кори илмии ӯ зарофати махсус мебахшад. Таҳлили луғавӣ-маъноии асари Бакрон на танҳо муносибати системавии таркиби луғавии забонро дар асрҳои XII-XIII таҷассум менамояд, балки вазъи забони тоҷикиро дар як давраи муайян равшан мегардонад.

Сохтори диссертатсия барои иҷрои вазифаҳои муайяншуда ва расидан ба ҳадафи таҳқиқ созгор буда, ҳама паҳлӯҳои омӯзиши мавзӯъро

дар заминаи назарияи илмӣ-методологӣ фаро мегирад ва аз муқаддима, се боб, даҳ фаслу шаш зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти илмӣ иборат аст.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия, нукоти ҳимояшавандаро дуруст ва пурмазмун баён карда, роҷеъ ба навгониҳои он, заминаҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ маълумоти зарурӣ пешниҳод кардааст.

Боби якуми рисола “Гурӯҳбандии лексикаи «Ҷаҳоннома»” (с.22-54) унвон дошта, аз ду фаслу ду зерфасл иборат аст. Дар ин боб рисоланавис кӯшидааст, ки калимаҳои таркиби луғавии асарро ба ду гурӯҳ (аслӣ ва иқтибосӣ) ҷудо ва аз ҷиҳати баромад бо истифода аз фарҳангҳои гуногун ба риштаи таҳқиқ кашад.

Фасли якуми боби якум “Калимаҳои аслӣ ва таснифоти онҳо” (с.22-39) ном дорад, ки дар он унвонҷӯ калимаҳои таркиби луғавии забони тоҷикиро аз ҷиҳати баромад ба ду гурӯҳ (аслӣ ва иқтибосӣ) ҷудо карда, ба хулосае меояд, ки қисмати асосии таркиби луғавии онро воҳидҳои аслӣ ташкил дода, баъзе вожаҳое, ки дар асар истифода шудаанд, дар давраи кунунии забон ҳам доираи васеи истифодаи доранд.

Мубоҳисаи илмӣ ва мулоҳизаҳои зерини унвонҷӯй ҷолибанд, ки вожаҳои зиёди асарро калимаҳои аслан тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Онҳо ба ҳамон шаклу маънои қадимаи худ имрӯз низ ҳам дар забони адабӣ ва ҳам забони гуфтугӯӣ мавриди истифода қарор доранд. Дар баробари ин, унвонҷӯ дар ин боб қисмати дигари воҳидҳои луғавии аслии таркиби асарро мисол меорад, ки назар ба замони муаллиф (асрҳои XII-XIII) имрӯз нисбатан камистеъмолу душворфаҳманд ва дар системаи лексикаи забон ҷойгоҳи махсусеро соҳибанд, аз ин рӯ омӯзиши он аз чандин ҷиҳат муфид аст.

Фасли дуюми боби якум “Калимаҳои иқтибосӣ” (с.39-54) ном дошта, аз ду зерфасл - “Калимаҳои иқтибосии арабӣ ва мавқеи онҳо” (с.42-48) ва “Калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои дигар” (с.48-54) иборат аст.

Унвонҷӯ дар ин фасл вожаҳои арабии таркиби асарро пас аз калимаҳои аслан тоҷикӣ аз ҷиҳати миқдор дар ҷойи дуюм қарор дода, натиҷаи таҳлилу мушоҳидаҳо худро баён мекунад ва ба хулосае меояд, ки миқдори бештари ин калимаҳо то ба имрӯз мавқеъ ва аҳамияти худро гум накардаанд ва баробари калимаҳои аслан тоҷикӣ вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд. Калимаҳои иқтибосии юнонӣ, румӣ, ҳиндӣ ва туркӣ, ба ақидаи ӯ, аз рӯйи зарурат мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Боби дуюми рисолаи илмӣ «Категорияҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома» (с.55-99) ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Муҳаққиқ барои муайян намудани гуногунрангии забони асар дар ин боб хусусиятҳои маъноии калимаҳои таркиби онро пажӯҳиш карда, ба хулосае меояд, ки Бакрон дар баробари зикри истилоҳоти гуногуни таърихӣ, сифату хусусият, ҳаҷму ҳудуд, шаклу намуди зоҳирӣ нақл карда, ҳамзамон маънии луғавии вожаҳоро низ баён намудааст, ки мо дар мисоли зерин онро дида метавонем: “Дар ҳадди Фаластин аз ҳудуди Шом буҳайраест ба наздикии шаҳре, ки онро Зуғар гӯянд ва ин буҳайраро низ буҳайраи «Маййита» хонанд, *яъне мурда*. Ба сабаби он-ки дар вай ҳеч ҳайвон набошад, на моҳӣ ва на ҳайвоне дигар [89]”.

Фасли якуми боби дуюм “Калимаҳои сермаъно” (с.59-72) ном дошта, ба омӯзиши мавқеи калимаҳои сермаъно дар таркиби луғавии забони “Ҷаҳоннома” бахшида шудааст.

Унвонҷӯ бо назардошти дастуру ақидаҳои забоншиносон нақши калимаҳои сермаъноро омӯхта, таъкид мекунад, ки сермаъноӣ дар осори ҷуғрофӣ низ нақш ва мавқеи назаррас дорад, зеро ба маъноҳои гуногун истифода бурдани як калима яке аз хусусиятҳои тарзи баёни Бакрон аст. Ҳар як маънои калимаи сермаъно ҷой ва мавриди истеъмоли худро дорад ва ин хусусият аз ҷониби Бакрон низ бамаврид истифода шудааст.

Фасли дуюми боби дуюм “Калимаҳои ҳамшакл” (с.72-81) ном дорад. Муҳаққиқи ҷавон онҳоро аз рӯйи мансубияти лексикӣ ба якчанд зергурӯҳҳо: омонимҳои лексикӣ; омонимҳои лексикиву морфологӣ; омонимҳои ономастикӣ тасниф карда, бо мисолҳо онҳоро пешкаши хонанда гардонидааст.

Фасли сеюми боби дуюм “Калимаҳои ҳаммаъно” (с.81-92) унвон дорад. Ба ақидаи унвонҷӯ, бамаврид истифода бурдани муродиф дар “Ҷаҳоннома” гуногунрангии забони асар, ҳамзамон, то кадом андоза ғанӣ будани таркиби луғавии забони давраи мазкурро (а.XIII) инъикос менамояд.

Боз бояд ин нуктаро зикр намоем, ки тибқи мушоҳидаҳои Қодирова Ф. дар мавриди муродифот олимони забоншинос ин гуна унсурҳои луғавиро баробармаъно ва наздикмаъно шуморидаанд ва дар ин асар ҳар ду гурӯҳи чунин вожаҳо мушоҳида мешаванд. Масалан, дар гурӯҳи муродифоти *биёбон, бодия, кавир, дашт, саҳро, дара; лофи бемаънӣ, палидзабонӣ, сухани сард (гуфтан); аҷоиби бениҳоят, аҷоиби бисёр, бағоят, бузург, азим; ниҳоят, анҷом, охир, тамом* ва ғ. ҳамаи калимаҳо баробармаъно бошанд, пас дар гурӯҳи *ҷаҳон, олам, замин; диёр,*

*мамлакат, замин, мавзеъ, ҳудуд* ва амсоли инҳо чанд калимаи наздикмаъно низ ҳаст.

Фасли чоруми боби дуюм “Калимаҳои зидмаъно” (с.92-99) унвон дошта, дар забони «Ҷаҳоннома» ба воситаи ин гурӯҳи калимаҳо маъно боз ҳам дақиқтару саҳеҳтар инъикос ёфтааст.

Унвонҷӯ ҷолибияти ин асарро дар он мебинад, ки аксари вожаҳои муқобилмаъноро худи муаллиф ба василаи зикри муродифҳо аз забонҳои ғайр шарҳу тавзеҳ додааст: *наҷд – боло, ғавр – нишеб, мад(д) – ҷазр, зиёд – нуқсон* ва ғ.

Зимни мутолиа ва ҷустуҷӯи антонимҳо чунин хусусияти фардии асарро унвонҷӯ таъкид мекунад, ки дар зикри номи мавзеъ ва ё ашё баён гардидани маъноҳои зид ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар фасли ҳаштум зимни овардани маълумот дар бораи ҷазираҳо, ба монанди дигар мавзеъҳо, ҳамчунин номи ҷазираҳо низ чун антонимҳо тавзеҳ ёфтааст: “Ҳам дар ақсои шимол дар ҷониби машриқ аз ҷазираи «Мулӣ» гуфтем ду ҷазира аст, ки якеро «Амронусу-р-риҷол» мегӯянд ва дигарро «Амронусу-н-нисо» ва ҳамоно ин лафзи «амронус» румӣ аст. Ва ин ҳар ду ҷазираи ба ҳам наздик аст, дар яке ҳама мардон бошанд ва дар дигар ҳама занон ” (с.93).

Қодирова Ф. антонимҳоро аз рӯйи ифодаи *аломату хусусият* (баланд – паст), *муносибат ва вазъу ҳолат* (зинда – мурда), *миқдору андоза* (тафсил – иҷмол), *мавқеъ/намуд, масофа ва самт* (зоҳир – ботин), *замон ва вақт* (шаб – рӯз, тобистонӣ – зимистонӣ) гурӯҳбандӣ кардааст.

Боби сеюм «Ономастикаи асар ва таснифоти он аз рӯйи маъно ва сохтор» унвон дорад (с.100-165), ки аз чаҳор фаслу чаҳор зерфасл таркиб ёфтааст.

Ономастика қисми забоншиносӣ аст, ки номи мавзеъҳо ва ашхоси ба он рабтдошта меомӯзад. “Ҷаҳоннома”, ки асари ҷуғрофӣ аст, асоси таркиби луғавии онро онимҳо ташкил медиҳанд. Унвонҷӯ ҳар кадоми онро ба шохаву соҳаҳои гуногуни ономастика марбут дониста, аз аҳамият холӣ набудани он ва барои рушди номшиносии тоҷик маводи хубу фаровон додани онҳоро таъкид мекунад.

Фасли якуми боби сеюм “Антропоним ва этнонимҳо” (с.105-118) унвон дорад. Дар осори адабиёти классикии тоҷику форс номи шахсиятҳои таърихӣ ба назар мерасанд, ки бо корнамоиҳои хеш машҳур шудаанд.

Унвонҷӯ дар ҷустуҷӯи ин гуна гурӯҳи калимаҳо дар таркиби «Ҷаҳоннома» комёб шудааст, чун Бакрон ин гуна вожаҳоро ҳамчун

унсури муҳимми муаррификунанда истифода бурдааст, ки онҳо ном ва лақаби шоҳону асосгузорон *(Абулфатҳ Муҳаммади Хоразмшоҳ* [59]), донишмандон ва адибон *(Носири Хусрав* [63], *Бӯрайҳони Берунӣ* [79]), шахсиятҳои таърихӣ ва қаҳрамонҳо (*Ширин* – завҷаи Парвиз ва, ҳамзамон, аз қаҳрамонҳои асосии достонҳо [110-111]), паёмбарон ва пешвоёни дин *(Одам* [59], *Нӯҳ* [109]) буданд.

Инчунин гурӯҳи дигари калимаҳои таркиби асар, ки унвонҷӯ таҳқиқ этнонимҳо (номи миллат, қавм, қабила ва авлод) мебошанд, ки ҳар кадоме бо хусусияти хеш муаррифӣ ёфтаанд. Аз ҷумла: *сомониён* [127], *манқишлоғ* [126], *язир* [126], *бароҳима* [165], *порс* [127], *рум* [155], *рус* [165].

Аз рӯйи баромади забонӣ антропоним ва этнонимҳои таркиби «Ҷаҳоннома»-ро унвонҷӯ ба гурӯҳҳои *аслӣ* (Анӯшервон, Хусрави Парвиз, Ширин, порсӣ ва ғ.) ва *иқтибосии арабӣ-сомӣ* (Абдуллоҳ, Бӯрайҳон, Муҳаммад (с), Носир, Сулаймон, ҳимяриён, ҳузом ва ғ.), *юнонӣ* (Искандар – муарраби Александрос, қайсар, сақлобӣ – муарраби *склавинӣ*, яъне словенҳо, андалусӣ (аз andalusia) ва ғ.), *лотинӣ* (румӣ – аз rôma), *ибрӣ-яҳудӣ* (Одам (а), Довуд (а), Мӯсо (а), Исҳоқ ва ғ.), *санскрит-ҳиндӣ* (Меҳроҷ, бараҳман ва ғ.) ва *туркӣ* (Санҷар, турк, қарохазар, манқишлоғӣ, халаҷ ва ғ.) тасниф намудааст.

Фасли дуюми боби сеюм “Топонимҳо ва таснифоти он дар асоси мавзеъҳои номгузорӣ” (с.118-151). ном дошта, аз чор зерфасл иборат аст.

Дар забоншиносӣ топонимҳо низ дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) *макротопоним* (номи ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, биёбон ва ғ.) 2) *микротопоним*, ки мавзеъҳои нисбатан хурдтарро фаро мегирад (дашт, чарогоҳ, марғзор ва ғайра).

Қайд намудан бамаврид аст, муҳаққиқи ҷавон топонимҳои гуногуну рангоранг: макротопоним ва микротопонимҳои дар “Ҷаҳоннома” тасвирёфтаро дар зерфаслҳои “Ойконимҳо” (с.121-134), “Оронимҳо” (с.134-139), “Гидронимҳо” (с.139-148), “Антротопоним ва этнотопонимҳо” (с.148-151) пурра ва бамаврид таҳқиқ кардааст. Қодирова Ф. ойконимҳои зиёдеро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода, онҳоро ба зершохаҳо (полинимҳо, комонимҳо, урбанонимҳо, экклезионимҳо) ҷудо мекунад ва ба хулосае меояд, ки дар асар номи зиёда аз 350 мавзеъҳои маскун – *мамлакат, вилоят, ноҳия, шаҳр, қасаба, деҳа, боғ, қаср, масҷид* ва *бино*ро мушоҳида намудан мумкин аст.

Номи биёбону дара, кӯҳҳо ва номи ҳама гуна мавзеъҳои табиии зеризаминӣ, аз қабили ғор, ҷӯй, кӯл ва шаршараҳои зеризаминӣ, чоҳ, кон

ва ғ. (бо истилоҳи илмӣ «спелеоним»)-ҳоро диссертант дар якҷоягӣ бо оронимҳо мавриди баррасӣ қарор дода чанд маротиба истифода бурдани онҳоро нишон додааст, ки арзиши илмии диссертатсияро зиёдтар мекунад.

Фасли сеюми боби сеюм "Таснифи топонимҳо аз нигоҳи сохту таркиб" (с.151-157) ном дошта, топонимҳоро дар ин фасл аз ҷиҳати сохту таркиб: сода (*Вахш* [102], *Мино* [108], *Балх* [122], *Суғд* [106]), сохта, ки аз як реша ва пасвандҳои номвожасоз иборатанд (-он, -ён ва -гон: *Аббодон* [101], *Бомиён* [112], *Озарбодагон* [123]; -ия: *Қустантания* [84]; *Африқия* [115]; -истон: *Зобулистон* [127], *Ҳиндустон* [153]; -ӣ: *Босафҳарӣ* [91], *Масулӣ/Мулӣ* [66; 92]; -канд, -қанд, -кат, -ванд, -ҷанд: *Ӯзканд* [113], *Самарқанд* [70], *Ахсекат* [166], *Данбованд* [110], *Хуҷанд* [103]; -айн: *Баҳрайн* [145], *Ироқайн* [121]; -от: *Арафот* [108], *Шамишот* [107]...); мураккаб ва омехта, ки аз ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, шумора) ва формантҳо (-а, -он) иборатанд (*Сапедрӯд* [104], *Панҷоб* [102], *Воқ-воқ* [75], *Муфрадбуҳайра* [83], *Кирмоншоҳон* [121] ва ибора (*Баҳри Мағрибӣ* [85], *Атласи кабир* ва *Атласи сағир* [107], *Тури Сино // Ҷабали Мӯсо* [109; 116]...) тасниф карда, ба хулосае меояд, ки топонимҳои асар қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ ва арабиро дошта, аз ҷиҳати миқдор топонимҳои сода ва сохта бо теъдоди назаррас дар ҷойи аввал, топонимиборахо дар ҷойи дуюм ва топонимҳои мураккаб дар ҷойи сеюм қарор доранд.

Фасли чоруми боби сеюм "Номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика (прагмоним, фитоним, зоонимҳо)" (с.157-165) унвон дошта, дар ин фасл навъҳои истилоҳоти ономастикии таркиби асар, мисли номи сангҳои қиматбаҳо, рустаниҳо, ҷонварон ва забонҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Унвонҷӯ моҳияти пажӯҳишро доир ба хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон натиҷагирӣ карда, қайд мекунад, ки вожаҳои аслии тоҷикӣ дар асар мавқеи назаррасро ташкил дода, бо вуҷуди гузашти муддати тӯлонӣ аҳамияти худро аз даст надодаанд ва дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик имрӯз низ мавриди истифода ҳастанд.

Ба ақидаи Қодирова Ф. баробари калимаҳои аслан тоҷикӣ дар асар вожаҳои зиёди иқтибосӣ аз забонҳои арабӣ, юнонӣ, румӣ, ҳиндӣ, туркӣ низ дар асар истифода шудаанд, ки забони асарро боз ҳам ғаниву рангин гардонидаанд.

Муаллифи рисола аз сарчашмаҳо ва адабиёти назариявӣ хуб истифода намуда, барои тақвияти андешаҳояш дар мавридҳои зарурӣ иқтибосҳо овардааст.

Ин кори диссертатсионӣ пажӯҳиши арзишманди илмиву амалӣ буда, дар забоншиносии тоҷик аввалин таҳқиқоте мебошад, ки ба омӯзиши хусусиятҳои луғавӣ-маъноии "Ҷаҳоннома"-и Муҳаммади Бакрон, қабатҳои лексикии ин асар, хусусиятҳои корбурди унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ дар асар, истифодаи воҳидҳои луғавии иқтибосӣ, мавқеи вожаҳои фаъол ва ғайрифаъол, истифодаи категорияҳои луғавӣ-маъноӣ (муродифот ва калимаҳои зидмаъно), истифодаи калимаҳои сермаъно ва ҳамгуна, мавқеъ ва навъҳои вожаҳои ономастика бахшида шудааст.

Муқаррароти назариявии кор метавонад барои муҳаққиқони таърихи забон, вожашиносӣ (лексикология) ва этнолингвистика кӯмаки ҳамаҷониба расонад.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия, шеваи баён ва услуби нигориш гувоҳӣ аз он медиҳад, ки Қодирова Фирӯза қобилияти хуби пажӯҳишгарӣ дошта, метавонад мустақилона таҳқиқоти илмӣ гузаронад ва вазифаҳои ҷиддии таҳқиқиро бо муваффақият иҷро намояд. Муоҳизаҳои асосии рисола дуруст муайян ва барои дифоъ пешниҳод гардидаанд.

Сарфи назар аз бодиққатӣ ва нозукбинии унвонҷӯй Қодирова Ф. дар матни диссертатсияи мазкур ва автореферати он хатогиҳои имлоиву услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда боиси беҳтар гаштани сифати нашри натиҷаҳои пажӯҳиш хоҳад шуд:

1. Унвонҷӯй дар фасли дуюми боби якум калимаҳои иқтибосии арабиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: серистеъмол ва камистеъмол (с.44-46), аз он ҷумла дар диссертатсия калимаҳои камистеъмоли "буҳайра, қарҳа, қилода ва ғ." (с.45) оварда шудаанд. Ба ақидаи мо ин гуна калимаҳо ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил мешаванд, зеро дар забон аз истеъмол пурра баромадаанд.

2. Фасли дуюми боби дуюм "Калимаҳои ҳамшакл" (с.72-81) унвон дошта, аз ду зерфасл "Омонимҳои лексикӣ" (с.73) ва "Омонимҳои лексикиву морфологӣ" (с.76) иборат аст. Ба ақидаи мо номи фасл ва номи зерфаслҳо бояд мутобиқат кунанд.

3. Фасли чоруми боби дуюм "Калимаҳои зидмаъно" (с.81-92) ном дорад, вале унвонҷӯ ҳангоми таҳлил вожаи антонимро истифода бурдааст. Ба назари мо, бояд аз як намуд истилоҳ истифода бурда мешуд ( ё антоним , ё калимаҳои зидмаъно).

4. Дар рисола гоҳе иштибоҳоти имлоӣ ё техникӣ ба назар мерасанд. Масалан, дар саҳифаи 169 феъли “роиҷбуда” якҷоя навишта шудааст.

Ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии диссертатсияро коста намесозанд. Унвонҷӯй вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро карда, ба ҳадафи пажӯҳиш расидааст.

Диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон” таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муқаррароту натиҷаҳои асосии худ ва аҳамияти назариявӣ ва амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (доктор PhD), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия ҚодироваФ.Р. ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ, муаллимаи калони кафедраи “Лингвистика”-и Филиали “Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов” дар шаҳри Душанбе** **Неъматзода Ф.Т.**

**Суроға: 734003, ш.Душанбе, к. Бохтар 135/1.**
**Филиали “Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов” дар шаҳри Душанбе**
**E-mail: n-zade8888@mail.ru.**
**Тел.: +992985405554**

**Имзои Ф.Т. Неъматзодаро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Филиали “Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов” дар шаҳри Душанбе** **Назарова Х.Т.**

**Суроға: 734003, ш.Душанбе, к. Бохтар 135/1.**
**Филиали “Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов” дар шаҳри Душанбе**
**E-mail: info@msu.tj**
**Тел.: +992 (372) 219917**
«25» марти с. 2021